# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ – д.и.и., профессор Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович ба диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Садиқова Шукрона Карчаевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли таввалудаш 1985, маълумоташ олӣ, оиладор ва соҳиби чор фарзанд мебошад. Соли 2002 ба шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2007 онро аз рӯйи ихтисоси иқтисоди миллӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Садиқова Ш.К. солҳои 2013-2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди миллии факултети иқтисод ва идораи ДМТ ба шумор мерафт ва аз ҳамон вақт ҳамкории илмии ман бо ӯ оғоз шуда буд, ки то ҳол идома дорад. Аз соли 2007 то соли 2019 дар вазифаҳои ассистент, муовини декан оид ба корҳои ташкилию тарбиявии факултети иқтисод ва идора ва раиси бахши кор бо занон ва духтарони ДМТ фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 инҷониб дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, фаъолияти илмию омӯзгорӣ менамояд.

Мавзуи илмии Садиқова Ш.К. дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки масъалаи ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст. Айни замон аз ҷониби Ҳукумати ҶТ стратегияи мақсадноки рушди сармояи миллии инсонӣ дар асоси такмилдиҳии муҳити институтсионалӣ бо дарназардоштиислоҳоти соҳаи маориф, таҷдид намудани соҳаи тандурустӣ, таъмин кардани ҳамоҳангсозии бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва роҳҳои танзим намудани муҳоҷирати меҳнатӣ татбиқ намуда истодааст. Дар баробари таҳия, қабул ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои гуногуни сатҳи давлатӣ масъалаи ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар ҶТ нокифоя боқӣ мемонад.

Дар баробари ин, сатҳи инкишофи сармояи инсонӣ дар муқоиса бо баъзе аз кишварҳои рушдакарда каме паст мебошад. Маълумотҳо ва таҳлили муқоисавии рушди сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ИДМ, аз қафомонии назарраси нишондиҳандаҳои асосӣ, ки неруи инноватсионии рушди захираҳои инсониро ташкил медиҳанд, собит месозад. Ҳолати ҷойдошта талаб менамояд, ки ҷиҳати фаъолнамоии ниҳодҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ бо назардошти татбиқи барномаҳои стратегии гузариши кишвар аз навъи

аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад. Аз ҷумла, масъалаи рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои таълимию илмӣ, таъмини мутобиқнамоии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва муаммоҳои инкишофи сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ, анҷом додани таҳқиқотҳои алоҳидаро талаб менамояд. Масъалаҳои номбаргардида аҳамияти мавзуи интихобнамудаи Садиқова Шукрона Карчаевнаро собит месозад.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Садиқова Ш.К. қобилияти баланди илмӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбаст намудани хулосаҳои илмиро зоҳир намуд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот, ӯ дараҷаи баланди мустақилона ҷамъоварӣ, омузиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиён, асоснокқуниҳои ҷанбаҳои назариявию методиро нишон дод. Ҳангоми навиштани диссертатсия ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Садиқова Ш.К., масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод, 20 мақолаҳои илмӣ аз чоп расонад, ки аз ин шумора 6 тояш дар нашрияҳои тақризшаванда чоп шудаанд. Ӯ дар ин муддат тавонист, ки ҳаҷми зиёди адабиёти марбут ба мавзуи худро ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбандӣ намояд ва дар асоси он тавсияҳои илмии худро ҷиҳати ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии ба иқтисодиёт коркард ва пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои муҳимми назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи он омодашуда ва то таклифҳои амалии ба ниҳодҳои дахлдори давлатӣ расонидашуда, метавонад дар ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ саҳми худро гузорад.

Диссертатсияи Садиқова Ш.К кори илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда ба ҳалли муаммоҳои ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ мусоидат менамоянд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ тараққӣ медиҳанд.

Ба андешаи мо, Садиқова Шукрона Карчаевна дар ҷараёни таҳқиқи масоили ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ба ҳадафи гузоштаи худ - асоснок намудани хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва коркардаи тавсияҳои амалӣ

ҷиҳати таъмини такрористеҳсолии сармояи инсонӣ ва истифодаи он дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад, ноил гардидааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор,**
**профессори кафедраи назарияи**
**иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони**
**Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон** С.Ҷ. Комилов

23.02.2024

Дурустии имзои С.Ҷ. Комилов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ДСРТ А.А. Раҳимов

**Суроға:**
734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
**Телефон:** (+992) 917 50 54 51.
**E-mail:** sirodj1950@mail.ru.